# КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
# ФАРМОИШ

735140, ш. Душанбе, кӯч. Шевченко, 39. тел: (+992-37) 227-00-09, факс: (+992-37) 221-91-94. www.vak.tj

аз «18» 04 соли 2022, № 128 ш. Душанбе

Дар бораи қатъ намудани
фаъолияти шӯроҳои диссертатсионӣ

Мутобиқи банди 18 Низомномаи муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (минбаъд-Комиссия) (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 ноябри соли 2021, №270) ва банди 121 Низомномаи шӯрои диссертатсионӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2021, №267)

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Фаъолияти шӯроҳои диссертатсионии самти илмҳои тиббӣ, фарматсевтӣ, биологӣ, байторӣ ва аграрӣ қатъ карда шавад (Замима).
2. Довталабоне, ки диссертатсияҳои онҳо дар шӯроҳои диссертатсионии самти ихтисосҳои мазкур барои баррасӣ қабул ва эълони ҳимояашон дар сомонаи Комиссия ҷойгир шудаанд, метавонанд барои ҳимоя ба шӯроҳои диссертатсионии дахлдори навташкили назди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ муроҷиат намоянд.
3. Матни фармоиши мазкур дар мӯҳлати 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидан дар сомонаи Комиссия ҷойгир карда шавад.
4. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба уҳдаи муовини раиси Комиссия Иброҳимзода Д.Э. вогузор карда шавад.

Асос: қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 феврали соли 2022, №2

Раис [signature] Розиқзода А.Ш.

Замима
ба фармоиши раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз «18» 04 соли 2022, №128

Рӯйхати
шӯроҳои диссертатсионие, ки фаъолияти онҳо қатъ карда мешаванд

| р/т | номгӯи шӯрои диссертатсионӣ |
|---|---|
| 1. | Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-010 назди Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино |
| 2. | Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-024 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон |
| 3. | Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-015 назди Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур |